03 10 2018



**Имрӯз вобаста ба вижагихои замони истиклолият, чун дигар самтхои хаёти ичтимоӣ, дар сохаи илм ва фаъолияти илмӣ низ масъалахое арзи хастӣ мекунанд, ки дар чомеаи илмии Точикистон бояд мавриди таваччух карор гирифта, барои халлу фасли онхо тадбирхои саривактӣ ва муфид андешида шаванд. Зеро дар замони муосир илм на танхо ба кувваи асосии истехсолкунанда, балки ба омили мухими рушд ва нишондихандаи асосии иктидори кишвархо табдил ёфтааст. Дар ин замина, макому нуфузи хар як кишвар дар арсаи чахонӣ махз аз сатхи неруи зехнӣ, рушди илму инноватсия ва дастовардхо дар сохаи техникаю технологияхои муосир вобастагии чиддӣ дорад. Дастовардхои сохаи мазкур чихати амалӣ гардидани тахаввулот дар хаёти иктисодию сиёсӣ ва ичтимоию фархангии кишвархо мусоидат намуда, хамзамон, боиси тағйир ёфтани муносибати одамон ба арзишхо,**

**инчунин, сатх ва тарзи зиндагии онхо мегардад.**
Аз ин рӯ, масъалаи мазкур дар паёмхои Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ба таври фарогир инъикос ёфта, таваччухи чомеаи илмии чумхурӣ ва сохторхои дахлдори давлатӣ бахри халли масоили марбутаи ин сохаи хаётан мухим чалб карда мешавад.
Бояд зикр намуд, ки дар паёмхои се соли охири Президенти мамлакат пахлухои мухталифи масоили илм хеле амику дакик ва аз нигохи танкидӣ мавриди тахлил ва арзёбӣ карор гирифта, барои халлу фасли онхо дастурхои мушаххас ироа гардиданд. Зимни суханронихо масоили мухими марбут ба сохаи илм, аз чумла рушди илмхои бунёдӣ, дар сатхи зарурӣ ба рох мондани таълими фанхои дакик ва эксперименталӣ, ба сиёсати имрӯза мувофик намудани мавзӯъхои фармоишӣ, тарбияи кадрхои илмӣ ва такмили неруи зехнӣ, самаранокии маблаггузории сохаи илм, ба ичрои хадафхои стратегии давлат сафарбар намудани неруи илмии олимон ва гайрахо мавриди баррасӣ карор гирифтанд, ки дар мачмӯъ барои хочагии халки чумхурӣ хеле мухим ва зарур махсуб мешаванд. Тахлилхо ва арзёбихои хеле возеху амики масоили номбурда бори дигар аз таваччухи бевоситаи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба сохаи илм ва тарбияи кадрхои илмӣ дар чумхурӣ шаходат медихад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки амалӣ гардидани дастуру хидоятхои Сарвари давлат дар ин самт чихати аз холати карахтӣ ва фаъолияти камсамар рахо ёфтани муассисахои илмӣ мусоидат намуда, ба огози мархилаи нави рушди илм дар чумхурӣ замина хохад гузошт.
Аз чумла, бо назардошти вазъи имрӯзаи тадкикоти илмии бунёдӣ дар муассисахои илмии чумхурӣ, Президенти кишвар дар паёмашон (аз 22 декабри соли 2016) таъкид намуданд: «Дар мамлакат дар шароити имрӯза рушди илмхои бунёдӣ мухим ва афзалиятнок буда, пешбурди корхои илмиву тадкикотӣ вазифаи аввалиндарачаи олимони ин соха махсуб меёбад, ки он бехбудии чиддӣ мехохад».
Вокеан, дар шароити кунунӣ илмхои бунёдӣ ба дастгирӣ ва ислохоти чиддӣ ниёз дошта, фаъолият дар ин самт бехбудии чиддиро мехохад. Бояд зикр намуд, ки барои дастгирии илмхои бунёдӣ Фармони Президенти Чумхурии Точикистон “Дар бораи таъсиси Фонди президентии тахкикотхои бунёдӣ” аз 24 феврали соли 1996 ба тасвиб расида буд. Тибки Низомномаи фонд, дар катори дигар сарчашмахое, ки маблагхои он ташкил меёбанд, яке аз сарчашмахои асосӣ, ин 3% хиссачудокунӣ аз маблагхое, ки аз бучети чумхуриявӣ барои сохаи илм пешбинӣ шуданд, ба хисоб меравад, ки он дар тӯли фаъолияти 22 - солаи фонди мазкур барои ба анчом расондани тадкикоти муайян ва максадноку муфид дар муассисахои илмии чумхурӣ метавонист мусоидат намояд.
Вале тахлили вазъи ичрои корхои тадкикотӣ дар ин самт собит менамояд, ки сарфи назар аз таъсиси фонди мазкур ва ёриву дастгирихои Хукумат вазъи илмхои бунёдӣ на танхо тагйир наёфт, балки дар холати боз хам ногувортар карор гирифт. Сифат ва хадафхои асосии тадкикот аз мадди назар дур монда, ичрокунандагон натавонистанд илмро бо кашфиёту навоварихо ганӣ созанд ва барои рушди самтхои дигари илм дар чумхурӣ мусоидат намоянд. Бинобар ин, масъалаи дар сатхи зарурӣ рохандозӣ намудани тадкикоти бунёдӣ дар муассисахои илмӣ ва мактабхои олии чумхурӣ хеле мухим ва мубрам махсуб шуда, ислохи саривактии мушкилоти мавчуда барои мархилаи нави рушди илми сохаи мазкур мусоидат хохад кард.
Бояд зикр намуд, ки рушди илмхои бунёдӣ бо илмхои дакик ва эксперименталӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, бе мавчудияти пояи зарурии илмӣ - техникӣ амалӣ намудани тадкикот ва натичагирихо дар ин самт гайриимкон аст. Дар робита ба ин, дар Паёми

Сарвари давлат ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон (аз 20 январи соли 2016) омадааст: «Ба рохбарони вазоратхои маориф ва илм, рушди иктисод ва савдо, инчунин, ректорони муассисахои тахсилоти олӣ супориш дода мешавад, ки дар давоми чор соли оянда масъалаи пурра бо омӯзгорони фанхои дакик, технологияхои иттилоотӣ... таъмин кардани муассисахои тахсилоти умумиро хал намоянд». Дар Паёми дигар (аз 22 декабри соли 2016) бошад, таъкид шудааст: «Дар замоне ки илму технология бо суръати кайхонӣ пеш меравад, дар илми точик навгонӣ ва ташаббусхои илмӣ кам ба мушохида мерасанд, афроди лаёкатманд, ихтироъкор ва навчӯ ба чодаи илмхои дакик чалб карда намешаванд…». Таъкидхои Пешвои миллат бори дигар собит месозанд, ки вазъи илмхои дакик ва эксперименталӣ дар муассисахои илмӣ ва таълимии чумхурӣ чавобгӯи талабот набуда, ба дастгирӣ ниёз дорад. Маврид ба ёдоварист, ки дар ин мархила чихати дастгирӣ ва рушди самтхои номбурдаи илм карорхои дахлдори Хукумати Чумхурии Точикистон «Дар бораи тасдики Барномаи рушди илмхои дакик дар Чумхурии Точикистон дар давраи солхои 2005 - 2008» аз 29 декабри соли 2003,  № 571 ва «Дар бораи тасдики Барномаи рушди илмхои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солхои 2010 - 2020» аз 27 феврали соли 2010, № 89 ба тасвиб расидаанд. Вале, тахлили раванди  амалӣ гардидани барномахои номбурда собит месозад, ки сифати ичро ва хадафхои асосии онхо аз мадди назари ичрокунандагон дур монда, барои тавсеаи тадкикоти бунёдӣ ва илмхои дакику эксперименталӣ ханӯз заминаи мусоиди моддию техникӣ ва кадрӣ мухайё нагардидааст. Бояд таъкид кард, ки махз аз чониби сохторхои дахлдор ва чомеаи илмии чумхурӣ сари вакт ва дар сатхи зарурӣ амалӣ нагардидани барномахои давлатӣ оид ба сохаи мазкур боиси эродхои чиддии Президенти кишвар дар паёмхояшон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон гардиданд.
Тавре медонем, бе мавчудияти озмоишгоххои мучаххазу замонавӣ, пояи устувори моддӣ - техникӣ ва кадрӣ рушди илмхои бунёдӣ, хусусан самти илмхои эксперименталӣ, гайриимкон аст. Баъди пош хӯрдани Иттиходи Шӯравӣ чунин муассиса ё корхонае, ки масъалаи ба чумхурӣ ворид намудани тачхизоти илмӣ (тачхизот, реактивхои химиявӣ барои озмоишгоххо ва г.) ва дигар  маводи заруриро таъмин кунад, фаъолият надорад. Бояд ёдовар шуд, ки соли 2006 бо максади халлу фасли мушкилоти мавчуда карори Хукумати Чумхурии Точикистон «Дар бораи ташкил намудани Корхонаи вохиди давлатии «Маркази чумхуриявии таъминоти сохахои илм бо тачхизоти техникӣ, асбобхо, маводи кимиёвӣ ва васоити экспедитсионӣ» дар назди Академияи илмхои Чумхурии Точикистон кабул гардид, вале бо сабабхои номаълум муассисаи мазкур то имрӯз ба фаъолият шурӯъ накардааст.
Бо максади тачхизондани кабинетхои таълимӣ ва озмоишгоххо бо тачхизоти зарурӣ ва дар ин замина мухайё намудани шароити мусоид барои ташаккули тафаккури техникию табиии хонандагони муассисахои тахсилоти умумӣ Карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 29 ноябри соли 2017, № 544 “Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисахои тахсилоти умумии чумхурӣ бо кабинетхои фаннӣ ва озмоишгоххои мучаххази таълимӣ барои солхои 2018 - 2020” ба тасвиб расонда шуд, ки амалӣ гардидани он дар ин мархила хеле мухим буда, метавонад дарояндаи наздик барои рушди илмхои эксперименталӣ дар кишвар мусоидат намояд. Лекин, тачриба нишон медихад, ки бинобар сабаби дар чумхурӣ фаъолият накардани  сохтори махсус оид ба таъмини корхонахо, муассисахои илмӣ ва таълимӣ бо тачхизоти лабораторӣ ва махлулхои химиявӣ, амалӣ гардидани барномаи номбурда мушкил ё комилан гайриимкон мегардад.

Айни хол, такрибан, тамоми муассисахои тахсилоти миёнаи умумию олӣ, муассисахои илмӣ - тадкикотӣ ва сохаи тандурустии чумхурӣ махз бо хамин сабаб наметавонанд омӯзиш ва тахкикоти самараноку судманд ва ташхиси дакику саривактиро ба анчом расонанд. Хамзамон, мушкилоти мазкур тарбияи мутахассисони варзида ва тачрибаноки чавобгӯйи талаботи муосирро дар самти фанхои экспериментали ва тадкикоти бунёдӣ гайриимкон месозад. Илова бар ин, озмоишгоххо барои санчиши сифати махсулот дар назди бозорхо, рохи охан, гумрук, “Точикстандарт”, хадамоти байторӣ ва гайра низ бе тачхизоти зарурӣ ва маводи химиявӣ наметавонанд фаъолияти худро дар сатхи зарурӣ ба рох монанд.
Тахлил ва арзёбихои вокеӣ ва фарогири Рохбари давлат мухаккикону коршиносон ва масъулони сохаро водор месозад, ки ба ин масъала таваччухи бештар зохир намоянд ва дар ин самт тадбирхои мушаххасу судманд андешанд. Зеро ки вазъи илмхои бунёдӣ ва самаранокии маблаггузории сохаи илм дар чумхурӣ боиси нигаронӣ буда, тибки талаботи замони муосир ва ниёзмандихои хаёти ичтимоию иктисодӣ ва сиёсию фархангии кишвар муносибати навро мехохад.
Бояд  зикр намуд, ки ба талаботи хаёти иктисодӣ ва ичтимоию фархангии кишвар мувофик намудани тадкикотхои илмӣ, хусусан мавзӯъхои фармоишӣ, яке аз самтхои мухими фаъолияти муассисахои илмӣ махсуб мешавад. Аз ин рӯ, дар паёмхои Президенти мамлакат ба ин масъала таваччухи махсус зохир гардида, зарурати мутобик намудани мавзӯъхои фармоишӣ ба сиёсати давлатии илмӣ - техникӣ таъкид гардидааст. Аз чумла,  дар  Паёми соли 2016 (аз 20 январ) омадааст: «…муассисахои илмиро зарур аст, ки чихати ба сиёсати имрӯза мутобик намудани мавзӯъхои фармоишӣ чорачӯйӣ карда, тадкики масъалахои умдаи давлатдории миллиамонро бо дарназардошти пешрафти иктисоди миллӣ, ояндаи кишвар ва халли мушкилоти мубрами чомеа анчом диханд».
Дар Паёми соли 2016 (аз 22 декабр) бошад, омадааст: «…чихати ичрои мавзӯъхои фармоишӣ ва истифодаи самараноки онхо зарурати тачдиди назар кардани маблаггузории сохаи илм ба миён омада, Хукуматро зарур аст, ки масъалаи мазкурро омӯхта, чихати ба танзим даровардани он чорачӯйӣ намояд». Зарурати баррасӣ ва халли масъалаи мазкур аз он бармеояд, ки аз огози истиклолият то имрӯз аз хазинаи давлат барои тадкики мавзӯъхои фармоишӣ маблагхои зиёд пешбинӣ мешаванд, лекин натоичи тадкикот ханӯз хам ба рушди истехсолот ва халли мушкилоти ичтимоии кишвар мусоидат намекунанд. Баррасии масъалаи истифодаи окилонаи маблагхои бучетӣ барои сохаи илм ва самаранокии натоичи тахкикотро, бешубха, метавон чун натичаи тахлили амику вокеии  Пешвои миллат ба сохаи мазкур арзёбӣ намуд.
Кобили тазаккур аст, ки истифодаи самаранок ва максадноки маблагхои бучетӣ дар сохаи илм хамон вакт амалӣ гашта метавонад, ки ба бисёрмавзӯъгӣ хотима бахшида, мавзӯъхои фармоишӣ бевосита дар хамохангӣ бо равияхои афзалиятноки илм, ки аз чониби Хукумат тасдик  гардидаанд, муайян карда шаванд. Вокеан, дар хамаи кишвархо вобаста ба зарурати ичтимоӣ - иктисодӣ ва сиёсӣ равияхо ва самтхои гуногуни илм дар мархилаи муайян мавриди таваччухи махсуси давлат карор мегиранд, зеро ки муайян намудани равияхои афзалиятноки илм ва маблаггузории максадноки он, хусусан мавзӯъхои фармоишӣ, яке аз шаклхои мухими истифодаи самараноки илм ва нерухои аклонӣ барои халли мушкилоти мавчудаи чомеа махсуб мешавад.
Дар чумхурии мо низ бо ин максад тадбирхои муайян амалӣ мешаванд. Аз чумла, дар даврони истиклолият кабул гардидани карорхои Хукумати Чумхурии Точикистон «Дар

бораи тасдики Номгӯйи самтхои афзалиятдоштаи тахкикоти илмӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2007 - 2009» аз 30 июни соли 2007, №333, «Дар бораи тасдики Номгӯйи самтхои афзалиятноки тахкикоти илмӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2010 - 2012 ва фехристи технологияи Чумхурии Точикистон» аз 30 марти соли 2010, № 167 ва «Дар бораи Номгӯйи самтхои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2015-2020» аз 4 декабри  соли 2014, №765  аз он далолат мекунанд, ки рохбарияти давлату Хукумати Чумхурии Точикистон ба ин самт таваччухи махсус зохир менамоянд. Лекин, бояд тазаккур дод, ки натичагирӣ аз авлавиятхо ва самаранокии онхо дар халли мушкилоти мавчудаи чомеа, пеш аз хама, аз интихоб ва таъйиноти дурусти  равияхои илмӣ ва мавзӯъхои фармоишӣ вобастагии чиддӣ дорад.
Тахлили номгӯйи тасдикгардидаи самтхои афзалиятноки тадкикоти илмӣ дар Чумхурии Точикистон, ки се мархиларо дар бар мегирифтанд, собит менамояд, ки  санадхои кабулгардида, аслан бе назардошти талаботи хаёти иктисодӣ, ичтимоӣ - сиёсӣ ва имкониятхои молиявии чумхурӣ тахия ва кабул гардидаанд. Дар санади аввали оид ба Номгӯйи самтхои афзалиятдоштаи тахкикоти илмӣ дар Чумхурии Точикистон барои солхои 2007-2009  50 равия(!), дар  санади дувум, ки солхои 2010 - 2012 - ро дар бар мегирад, 65 равия(!) ва дар санади сеюм, барои солхои 2015 - 2020 110 равияи тадкикотии афзалиятнок(!) пешбинӣ шудааст.
Бояд зикр намуд, ки санадхои зикргардида бе назардошти меъёрхои мантик ва талаботи хаёти иктисодӣ ва ичтимоӣ - фархангии чумхурӣ тахия гардида, мавзӯъхое, ки дар онхо дарч ёфтаанд, хам бо сабаби теъдоди бузург ва хам бо мазмуну хадафнокиашон, наметавонанд равияхои афзалиятнок бошанд. Зеро зарурати мукаррар намудани равияхои афзалиятноки тахкикоти илмӣ, пеш аз хама, аз талаботи дар самти мушаххаси хаёти иктисодӣ ва ичтимоӣ - сиёсӣ доштаи давлат бармеояд ва маънии онро дорад, ки равияхои мазкур дар самти таъмини молиявӣ, пояи моддӣ-техникӣ, иктидори кадрӣ ва гайра аз чониби давлат ба таври иловагӣ дастгирӣ меёбанд ва ба анчом расидани тахкикоти пешбинишуда барои халли мушкилоти мавчудаи хаёти ичтимоӣ - иктисодии мамлакат мусоидат намуда, ба пешрафти он такони чиддӣ мебахшанд. Дар мачмӯъ, бе тахлил ва асоснокии илмӣ аз чониби тахиягарон пешбинӣ намудани чунин теъдоди бузурги равияхои афзалиятнок (аз 50 то 110 мавзӯъ), имконияти амалӣ гардидани онхоро такрибан ба сифр баробар  менамояд.
Хадафи асосии ташаккул ва амалисозии самтхои афзалиятнок дар илм, ин дакик намудани самтхои рушди мачмӯи ватании илмию техникӣ ва низоми миллии инноватсионӣ бо назардошти манфиатхои миллии Точикистон ва тамоюлоти рушди чахонии илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ, вазифахои миёнамухлати рушди ичтимоӣ - иктисодии кишвар бо назардошти зарурати ташаккул ва рушди низоми нави инноватсионӣ, тахия ва амалисозии мухимтарин барномахо ва тарххои давлатӣ мебошад.
Самтхои афзалиятнок дар ин мархила, ба андешаи мо, бояд, пеш аз хама, ба модернизатсияи иктисоди миллӣ ва се хадафи стратегии Хукумати кишвар, ки аз чониби Президенти мамлакат муайян шудаанд - рахоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиклолияти энергетикӣ ва амнияти озукаворӣ равона карда шаванд. Шояд халли масъалаи рахоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ аз кудрати илм ва кӯшишхои ахли илми чумхурӣ чандон вобастагӣ надошта бошад, лекин дар халли ду хадафи стратегии дигар - таъмини истиклолияти энергетикӣ ва амнияти озукаворӣ олимони точик метавонанд бо

ширкати фаъолонаи худ накши мухим гузоранд.
Пӯшида нест, ки тайи 10 соли охир мардуми Точикистон аз норасоии барк танкисии шадидро аз сар гузаронд, вале дар ин самт аз чониби олимону мутахассисон амали назаррасе ба анчом нарасид ва бори сангини ин мушкилот, аслан бар дӯши Хукумати чумхурӣ карор дошт. Бо максади халли мушкилоти мавчуда ханӯз 2 феврали соли 2007, № 41 Карори Хукумати Чумхурии Точикистон «Дар бораи тасдики Барномаи комплексии максадноки истифодаи васеи манбаъхои баркароршавандаи энергия, амсоли энергияи дарёхои хурд, офтоб, шамол, биомасса, энергияи манбаъхои зеризаминӣ барои солхои 2007 - 2015» кабул гардида буд, вале, тавре ки маълум аст, амалӣ гардидани барномаи мазкур то имрӯз эхсос карда намешавад. Бояд зикр намуд, ки амалӣ гардидани карори мазкури Хукумат метавонист дар халли ин мушкилот мусоидат намояд, зеро ки хадафи нихоии санади мазкур низ таъмини истиклолияти энергетикии кишвар махсуб мешуд.
Президенти кишвар дар Паёми соли гузаштаашон (аз 22 декабри соли 2017) ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон таъкид намуда буданд, ки дар Стратегияи миллии рушди Точикистон барои давраи то соли 2030 низ се хадафи миллии эълонкардаамон хамчун вазифахои аввалиндарача бокӣ мемонад ва мо азми катъӣ дорем, ки дар оянд аи наздиктарин ичрои онхоро таъмин намоем. Хамчунин, таъкид намуданд, ки: «…мо вазифадорем, ки боз хам бештар захмат кашида, ба ичрои хадафхои стратегии миллиамон – таъмини истиклолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барк, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Точикистон, хифзи амнияти озукаворӣ ва дастрасии ахолии мамлакат ба гизои хушсифат ноил гардем»
Бинобар ин, мантикӣ мебуд, ки бо максади таъмини хадафхои стратегии Точикистон – таъмини амнияти энергетикӣ ва амнияти озукаворӣ, пеш аз хама, истифодаи самараноки илм ва захираи зехнии мамлакатро таъмин намуда, номгӯйи равияхои афзалиятноки тадкикотхои илмӣ аз нав тахия ва аз чониби Хукумат тасдик карда шуда, равияхои марбут ба хадафхои стратегии кишвар аз соли 2019 то соли 2030 хамчун равияхои афзалиятноки тадкикоти илмӣ мукаррар карда шаванд. Хамчунин, хамасола пешбинӣ гардидани хадди акал то 30 фоиз аз хиссаи маблаггузории умумии сохаи илми чумхурӣ барои амалӣ намудани тадкикотхо дар самти номбурда, ба андешаи мо, метавонад барои халли мушкилоти зикргардида дарояндаи наздик мусоидат намояд.
Омӯзиш ва тахлили эродхои Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва дастуру хидоятхои эшон дар ин самт, барои халлу фасли мушкилоти мавчудаи сохаи илм хеле муфид буда, чихати пешрафти илми точик мусоидат хоханд кард. Бо итминони комил метавон гуфт, ки таъмини ичрои дастуру хидоятхое, ки аз паёмхои Президенти кишвар ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон бармеоянд, барои огози мархилаи нави рушди илм ва халли мушкилоти иктисодию ичтимоии мамлакат заминаи боэътимод ва устувор хоханд гузошт.

**Абдурахмон КУРБОНОВ, доктори илмхои фалсафа,**
**сардори раёсати тахлили масъалахои**
**ичтимоии Маркази тадкикоти стратегии**
**назди Президенти Чумхурии Точикистон**